# Тақризи

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Восиева Рухшона Қурбоновна ба диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯи “Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ”(асрҳои X-XV) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01.-Адабиёти тоҷик**

Мусаллам аст, ки асри XV дар таърихи маданияти халқҳои тоҷику форс яке аз пурмаҳсултарин ва намоёнтарин давраҳо ба шумор меравад. Нимаи дуюми ин аср бисёр намояндагони барҷастаеро ба майдон овард, ки на танҳо фахри замони худ буданд, балки дар ҷараёни минбаъдаи афкори илмӣ-адабӣ ва маданӣ низ таъсири зиёд расонидаанд. Ин намояндагони забардаст Абдураҳмони Ҷомӣ, Навоӣ, Восифӣ, Биноӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ҳилолӣ, Хотифӣ, Осафӣ ва дигарон буданд, ки асосан доираи адабии Ҳирот ба туфайли онҳо шӯҳрати тамом пайдо карда буд. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таърихи пайдоиш ва инкишофи насри адабӣ-бадеӣ ва илмиву ахлоқӣ яке аз саромадоне мебошад, ки ранҷу заҳмати пурарзиши ба харҷ додааш ҳам аз тарафи тазкиранависону муаррихон, олимони муосир ва ҳам муаллифони асрҳои минбаъда сазовори таҳсину ситоиш қарор гирифтааст.

Баррасӣ ва таҳқиқ перомуни зиндагинома, шахсият ва мероси илмию адабии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз чанд ҷиҳат дорои аҳамият мебошад. Ин донишманди тавоно ва нависандаи беназир, пеш аз ҳама, аз ҷумлаи барҷастатарин намояндагони илму адаб ва ҷараёнҳои фикрии асри худ ба шумор рафта, аз худ то ба рӯзгори мо мероси илмию адабии гаронбаҳое ба ёдгор гузоштааст. Зиндагиномаи Ҳусайн Воиз мояи ибрат, фаъолиятҳои густардааш боиси қадрдонию арҷгузорӣ, таснифоту таълифоташ хазинаи бузурги илму адаби мардуми форсу тоҷик ба шумор меравад. Воқеан, Ҳусайн Воизи Кошифӣ воизи беназир буда, аз шинохтатарин воизони рӯзгори худ ва намунаи воизони давраҳои баъдӣ маҳсуб мешавад. Вай

ҳамчун олим, муфассир, мунаҷҷим, риёзидон ва адиби дар назму наср тавоно шинохта шудааст. Ӯ яке аз пуркортарин адибони замони хеш буда таснифоту таълифоти мондагорро аз худ мерос мондааст.

Омӯзиши саҳми Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар тафсирнависӣ бар Қуръони Карим, махсусан, баррасии машҳуртарин тафсири ӯ "Мавоҳиби Алийя" ("Тафсири Ҳусайнӣ") аз назари аҳамият ва арзиши илмию адабӣ, суннату навоварӣ, ҷиҳатҳои илмию адабӣ ва вижагиҳои сабки нигориш аз ҷумлаи муҳимтарин вазифаҳои ҳалталаб дар адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб мeёбад.

Дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи тафсирнигории форсии тоҷикӣ ҳамчун сарчашмаи филологӣ аз самтҳои асосӣ ва камомӯхта маҳсуб мeёбад. Мусаллам аст, ки қисмати муҳими мероси гаронбаҳои форсӣ тоҷикиро тарҷума ва тафсирҳо ташкил мекунанд.

Рисолаи Абдуқодирзода Саидмукаррам маҳз ба суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV ва ба баррасии шахсияти илмию адабӣ, ҷаҳонбинию фаъолияти тафсирнависии Ҳусайн Воизи Кошифӣ бахшида шудааст.

Рисола аз муқаддима, се бобу фаслу зерфаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима аҳамияту зарурати таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои он мушаххас гардида, сарчашма, методу методологияи тадқиқ, навовариҳо ва аҳамияти назарию амалии он ифода шудаанд.

Боби якуми рисола **«Зиндагинома, ҷаҳонбинӣ ва мероси адабии Ҳусайн Воизи Кошифӣ"** унвон дошта, фарогири 8 фасл мебошад. Боби мавриди назар ба умдатарин масъалаҳои рӯзгор ва осори ин адиби тавоно мудохила намуда, паҳлӯҳои норавшани зиндагӣ ва нуктаҳои барои илм муҳими осори Ҳусайн Воизи Кошифиро бозгӯӣ кардааст.

Муаллиф пас аз омӯзишу баррасии рӯзгори адиб дарёфтааст, ки дар ягон сарчашмаи асримиёнагӣ ва ё таҳқиқоти донишмандони муосир

зиндагиномаи муфассали Ҳусайн Воизи Кошифӣ рӯйи кор наомадааст ва он маводе, ки дастрас аст роҷеъ ба ҳаёти ин адиби беназир дар манобеи асримиёнагӣ ва осори таҳқиқӣ ба таври пароканда дида мешавад. Дар ҳақиқат, Ҳусайн Воиз, бо он ки "аз машҳуртарин воизони рӯзгори хеш ба шумор меомад ва дар тафсир, нуҷуму риёзӣ низ шухрат дошт, зиндагиаш, чунон ки шоиста аст, маҳалли таваҷҷуҳи муаррихон воқеъ нашудааст. Муҳимтарин нукта дар фаслҳои ин боб дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи рисола кӯшиш намудааст, ки тозакориҳои суханварон, ахбори муаллифони сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва муҳаққиқони муосирро фароҳам оварда бар мабнои онҳо зиндагиномаи Кошифиро ба қадри имкон муайян ва комил намояд ва оид ба муайян намудани соли таваллуду вафоти адиб, вазъи хонаводаи ӯ бо такя ба осори илмию адабӣ ва таърихӣ баррасӣ намояд. Дар фаслҳои "Таҳсилот ва касби камол", "Ҷаҳонбинӣ: шахсияти эҷодӣ ва ҳуввияти адабӣ", "Мероси илмию адабӣ", "Таснифоти адабӣ", "Таълифоти илмӣ", "Асарҳо дар мавзӯъҳои дигар", "Китобҳои мансуб ба Кошифӣ" дар натиҷаи омӯзишу баррасӣ хулосаҳои муҳими илмию мантиқии муаллифи рисола хуб ба назар мерасанд. Масалан, дар хусуси муайян намудани ҷаҳонбинӣ, шахсияти эҷодӣ ва ҳувияти адабии Ҳусайн Воизи Кошифӣ пас аз омӯзишу баррасии осори зиёди илмию динӣ ва таърихиву адабӣ муаллифи рисола ба чунин натиҷа мерасад, ки "дар мавриди ҷаҳонбинӣ ва эътиқоди мазҳабии Ҳусайн Воизи Кошифӣ асосан ду дидгоҳи ба ҳамдигар мухолиф мавҷуд аст. Дидгоҳҳои мавриди назар ба пайрави аҳли суннату ҷамоат будан ва ё ба ташайюъ майл доштани Кошифӣ нигаронида шудаанд. Муҳаққиқон дар ин хусус баҳсҳои зиёд карда, ба яке аз дидгоҳҳои дар боло овардаамон таваҷҷуҳ намуда, ҳар кадом далелҳое овардаанд, ки мо дар фавқ ба баъзеи онҳо ишора кардем. Инчунин, ба монанди Ҷаъфариён Расул муҳаққиқоне ҳам ҳастанд, ки ҷониби васатро ихтиёр карда ва ба масъала аз ҳар ду дидгоҳ нигаристаанд.

Гузашта аз дидгоҳҳои мазкур омилҳои дигаре ҳам, ба мисли пайравии Кошифӣ аз ҷараёни фикрии Нақшбандия, иродаташ ба донишмандони машҳури замон, орифони хушном, ошноӣ бо донишҳои зиёд, пайваста ба таълифу тасниф машғул будан ва ғайра ҳастанд, ки дар шаклгирии ҷаҳонбинии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳамчун шахсияти мунҳасир ба фард мусоидат кардаанд. Ба назари мо, дар муайян кардани ҷаҳонбинии адиб нисбат ба чигунагии гароишҳои мазҳабию фикрӣ масъалаи муҳим шахсияти эҷодӣ ва ҳуввияти адабӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, мо Ҳусайн Воизи Кошифиро ҳамчун шахсияти дорои равиши ба худ хос, ҳам дар коргоҳи эҷодӣ, ҳам дар самтҳои гуногуни равишҳои маърифатӣ ва ҳам дар арсаи эҷоди илмию бадеӣ, мешиносем. Таҳаммулгароӣ, пайгирии ҳамешагии таълифу тасниф, ҳусни маҳзар дар воизӣ, ошноӣ бо равишҳои гуногуни фикрию маърифатӣ аз ҷумлаи муҳимтарин омилҳои таъсиргузор дар ҷаҳонбинии ӯ ҳастанд" (саҳ. 47).

Унвонҷӯ дар ин боб ба хулосае меояд, ки аз Ҳусайн Воизи Кошифӣ мероси адабии ғание то ба рӯзгори мо боқӣ мондааст, ки онҳоро ба ду гурӯҳ: а) асарҳои адабӣ ва б) таълифоти илмӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар миёни таълифоти илмии адиб китобҳои тафсири ба Қуръони Карим навиштааш аз ҷойгоҳи бузурге бархурдор ҳастанд. Се китоби тафсир ва аксари асарҳои дигараш то имрӯз ҳам қимати илмию адабии худро гум накардаанд.

Мероси адабии Ҳусайн Воизи Кошифиро ба манзуму мансур ҷудо кардан мумкин аст, аммо назм дар фаъолияти адабии вай дар ҷойи аввал қарор надорад. Кошифӣ дар таърихи адабиёти тоҷик, пеш аз ҳама, ҳамчун нависанда эътироф гардида, аз ҷумлаи бузургтарин насрнависони нимаи дуюми асри XV ба шумор меравад. Навиштаҷоти ӯ дар иншо, аз як тараф, сармашқи навомӯзони шеваи нависандагӣ бошад, аз ҷониби дигар, барои омӯзонандагони фанни нависандагӣ дастуруламале маҳсуб мешуда, ки мавриди тақлид ҳам қарор мегирифтааст.

Дар замони Ҳусайн Воиз доираи фанни тарассул ва иншои форсӣ васеъ гардида, дар кишварҳои қаламрави забони форсӣ, ба мисли Мовароуннаҳру Хуросон, Шибҳи қораи Ҳинд, Рум муаллифони зиёде ба иншонависӣ, яъне нависандагӣ машғул буда, баъзеашон дар фанни тарассул ва иншо китобҳои муҳим ҳам таълиф кардаанд, ки аз ҷумлаи онҳо китобҳои "Махзан-ул-иншо" ва "Саҳифаи шоҳӣ" маҳсуб мешаванд. Ба ғайр аз асарҳои Кошифӣ, инчунин, китобҳои "Манозир-ул-иншо" ва "Риёз-ул-иншо"-и Хоҷа Муҳаммади Гелонӣ маъруф ба Говон (ваф. 1481-1482), рисолаи "Муншаот"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) дар ҳамин давра навишта шудаанд. Нависандагони асарҳои мазкур дар тарассул шеваи дабирону нависандагони машҳури асрҳои пешин, махсусан, як аср қабл аз худашонро идома додаанд.

Боби дуюми рисола"**Суннати тафсирнигорӣ бар Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ то замони Ҳусайн Воиз"**номгузорӣ шудааст, ки аз чаҳор фаслу се зерфасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб, ки " Шахсияти муфассир ва заминаҳои фикрии ӯ" унвон дорад, андешаҳои ҷолиби муаллифи рисола барои шинохти муфассир ва заминаҳои фикриаш баён шудаанд. Муаллифи рисола таъкид мекунад, ки "Масъалаи таъйини шахсияти муфассир яке аз мабоҳиси аслии илми герменевтика мебошад, ки ба масоили равоншинохтӣ алоқамандӣ пайдо карда, баҳси меҳварии он таъсири шахсияти муфассир дар фаҳму дарки матн аст. Барои муайян кардани шахсияти муфассир яке аз масъалаҳои асосӣ муайян кардани ҷаҳонбинии ӯ мебошад" (саҳ.104). Ба андешаи мо низ барои муайян намудани шахсияти муфассир, масъалаи эътиқодот ва боварҳои муфассир муҳим мебошад, ки дар мисоли эътиқоди мазҳабии Ҳусайн Воиз дар фасли мазкур аз тарафи муаллифи рисола роҷеи ба ин масъала баҳси муфассал сурат гирифтааст. Ин ҷо ба масоили куллии дигар, аз ҷумла, ба шахсияти муфассири Қуръон ва тафсиркунандаи оёти қуръонӣ, ки дар маърифати муҳтавои каломи раббонӣ нақши муҳимме ифода мекунад, таваҷҷуҳ мешавад.

Ба андешаи муаллифи рисола донишмандеро, ки ба тафсири Қуръон машғул мешавад, “муфассир” ё “муфассири Қуръон” меноманд. Муфассири Қуръон нафарест, ки дар илми тафсир табаҳҳур дорад ва фаҳмиши худро аз Қуръон баён мекунад. Амалеро, ки муфассир иҷро мекунад, “тафсирнигорӣ” меноманд. Тафсирнигорӣ ба оёти Қуръони карим ба риштаи таҳрир даромадани фаҳму дарки як муфассир аз оёти қуръонӣ мебошад, ки дар қолиби муайян ва равиши хос баён мешавад.

Муаллифи рисола дуруст  муайян кардааст, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар китобҳои тафсири худ қолибҳои гуногунро интихоб намудааст: аввал, бо мақсади тафсири комилу муфассал кори тафсирро оғоз мекунад, чун ба як мақтаи муайяни корӣ мерасад, ба хулосае меояд, ки ин корро мавқуф гузошта, ба тафсири нисбатан мухтасар ва дар айни замон аз лиҳози муҳтаво фарогири дигар бипардозад ва дар натиҷаи ин тасмим китоби “Мавоҳиби Алийя”, ё худ “Тафсири Ҳусайнӣ” таълиф мегардад. Қолиби нисбатан мушаххастари ин тафсир дар қиёс ба “Ҷавоҳир-ут-тафсир” аз он ҷо ҳам маълум мешавад, ки дар ҷой-ҷойи тафсири “Мавоҳиби Алийя” худи муфассир барои тӯли тафсир оид ба ин ё он масъала хонандаро ба китоби “Ҷавоҳир-ут-тафсир” раҳнамоӣ мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳимму таъсиргузор дар ҷараёни ба миён овардани китоби тафсир рӯҳияи муфассир мебошад, ки ба омилҳои гуногун вобастагӣ дорад, ба мисли зикри далел, шуҷоати илмӣ, тозаандешӣ, навоварӣ ва монанди инҳо. Муаллифи “Тафсири Ҳусайнӣ” ба омилҳои мазкур ҳамеша иноят дошта, чунонки ҳамаи авомили мазкур дар бардоштҳои фикрӣ ва гароишҳои ақидатии вай таъсиргузоранд. Албатта, бояд ҳамеша дар назар дошт, ки аз лиҳози назарӣ роҳи аслии расидан ба маърифати дурусти ҳама гуна матн, аз ҷумла тафсири оёти қуръонӣ, тафаккури озод аз ҳама гуна қайду банд ва озодӣ аз ақоиду арзишҳои шахсии муфассир аст.

Барои дарёфт намудани з**аминаҳои фикрии муфассире**, ба монанди Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки ба тафсири Қуръон бипардозад, пеш аз ҳама зеҳни вай бояд анбошта аз донистаҳо, гароишҳо ва манишҳое бошад, ки дар тафсири вай таъсир мегузоранд. Манзур аз донистаҳои муфассир дар ин ҷо огоҳиҳое мебошанд, ки онҳоро муфассир дар натиҷаи омӯзиш дар заминаи илмҳои гуногун, ба мисли улуми адабӣ, адабиёт, мантиқ, калом, фалсафа, таърих, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, тасаввуфу ирфон ва ҳар илми дигар аз худ мекунад. Дараҷаи касбияти муфассир дар тафсир ба дараҷаи дониши ҳосил кардааш аз ҳар кадом донишҳои мазкур мушаххас мешавад, ки дар натиҷа маҷмӯи гароишҳои фикрию ақидатӣ ва бардоштҳои тафсирии вай ба вуҷуд меояд, ки дар рисола низ ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса дода шудааст.

Боби сеюм "**Арзишҳои илмию адабии "Тафсири Ҳусайнӣ"** ном дошта, аз чаҳор фаслу панҷ зерфасл ташаккул ёфтааст. Дар боби номбурда муаллиф ба масъалаҳои "Нусхаҳои хаттӣ ва чопии "Мавоҳиби Алийя", " Сарчашмашиносии "Тафсири Ҳусайнӣ", "Арзишҳои илмию адабии асар", " Пайравони Ҳусайн Воиз дар тафсирнигорӣ" ва монанди инҳо изҳори назар кардааст. Муаллиф дар шинохти нусхаи муътамади "Мавоҳиби Алийя" заҳмати зиёд кашида нусхаҳои зиёдеро маврид омӯзишу қиёс қарор додааст. Ҳамзамон ба осори илмии дар давраҳои мухталиф таълифшуда, рӯ оварда, пас аз омӯзишу баррасии ҳамаҷониба хулоса мекунад, ки "муруре ба нусхашиносии китоби "Тафсири Ҳусайнӣ" шаҳодат бар он медиҳад, ки аз ин китоб то ба рӯзгори мо нусхаҳои зиёди хаттӣ боқӣ мондаанд. Нусхаҳои қаламии китоб аз назари сифат ва фарогирии матн гуногун буда, баъзе комил ва бархе фарогири фақат бахше аз сураҳо мебошанд. Аз миёни нусхаҳои хаттии "Тафсири Ҳусайнӣ", ки мо онҳоро муаррифӣ кардем, яке аз комилтаринашон нусхае мебошад, ки таҳти рақами 726 дар ганҷинаи нусахи хаттии Китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусаейнзода нигаҳдорӣ мешавад. Аз нусхаҳои

чопии “Тафсири Ҳусайнӣ” машҳуртар аз ҳама нусхаи чопи Ҳиндустону Покистон мебошад” (саҳ.205).

Оид ба масъалаи сарчашмашиносии “Тафсири Ҳусайнӣ” гуфтан ба маврид аст, ки муаллифи рисола дар асоси омӯзиши 22 сарчашмаи муътамаде, ки дар рисола оварда шудаанд, фикру ақоиди бикри хешро ироа доштааст.Муаллиф таъкид менамояд, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз сарчашмаҳои зикршуда дар чунин мавридҳо истифода кардааст, аз ҷумла, барои маънидоди мафҳумҳои алоҳида; шарҳи истилоҳоти ҷудогона; зикри хабарҳои гуногун; тавзеҳи матолиби алоҳида; шарҳи масъалаҳои фиқҳӣ; иқтибоси андешаҳои соҳибони сарчашмаҳо оид ба тафсири комилтари баъзе масъалаҳо; русуми маълум дар миёни қавмҳою умматони пайғомбарони гуногун; фазилати пайғамбарон, аз ҷумла бартарии ҳазрати Муҳаммад (с) аз расулони дигари Худованд ва соири матолиб.

Ҳамин тариқ, рисолаи Абдуқодирзода Саидмукаррам дар таҳқиқ ва арзёбии фаъолияти тафсирнависии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳарфи ҷадид ва бодалел буда, заминаро барои тадқиқоти ҷомеъ боз менамояд.

Дар баробари паҳлуҳои мусбати рисола, ки дар боло зикр гардиданд, дар кори илмии мазкур баъзе норасоиҳо низ мушоҳида мешаванд, ки баёни онҳо барои такмили минбаъдаи пажӯҳиши мазкур аз аҳамият холӣ нест:

1. Ҳангоми нашри монографияи илмӣ аз рӯи мавзӯи рисола нукоте меҳварие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, аз нигоҳи илмӣ мушаххастар ва таҳрир карда шаванд, зеро нукоти дар 9 банд пешниҳодгардида бештар характери тавсифӣ доранд.
2. Дар боби дуюми рисола, ки ба анъанаи тафсирнигорӣ дар фарҳанги форсии тоҷикӣ бахшида шудааст, унвонҷӯро мебоист, ки суннати тафсирнигориро бояд бештар аз нигоҳи адабиётшиносӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор медод.

3. Фасли якуми боби сеюми рисола, ки «Нусхаҳои хаттӣ ва чопии “Мавоҳиби Алийя”» унвон дорад, унвонҷу бояд нусхаҳои чопи сангию дастнависҳои «Тафсири Ҳусайнӣ» аз назари нусхашиносӣ баррасӣ мегардид.

4. Ҳангоми мутолиаи рисола чунон ба назар мерасад, ки унвонҷӯ ҳангоми муҳокимаронӣ дар чанд маврид аз назари як пажӯҳандаи масъалаҳои қуръоншиносию динӣ суд ҷустааст, ки ин шева гоҳо илмияти андешаҳояшро каме коҳиш додааст.

5. Дар китобномаи рисола ғалатҳои зиёди библиографӣ мушоҳида мешавад, ки ислоҳи онҳо низ минбаъд ба манфиати кор хоҳад буд.

6. Забони таҳқиқот нисбатан мураккаб буда, муаллиф калимаҳо ва воҳидҳои туфайлии арабиро зиёд ба кор бурдааст. Суфтаву равон сохтани забони рисола роҳи маърифати мавзӯи баррасишавандаро барои аҳли илм осон хоҳад кард.

7. Дар таҳқиқот ҷо-ҷо риоя нагардидани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, аз ҷумла дар саҳифаҳои 17, 21, 27, 30, 32, 34, 40, 59, 62, 73, 110, 119, 148, 186 ва ғ.

8. Дар фишурдаи рисола ба забони русӣ қисман тарҷума таҳтуллафзӣ буда, услуби нигориш мутобиқи қоидаҳои сарфию наҳвии забони русӣ нест.

Камбудиҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ба мундариҷаву сохтори умумии рисола халал ворид намесозанд. Пажӯҳиши муаллиф иқдоми муҳим дар таҳқиқи таърихи тафсирнигорӣ ба забони форсии тоҷикӣ мебошад. Мазмуну моҳияти асосии диссертатсияро фишурда ва 15 мақолаҳои ба табъ расида инъикос мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам таҳти унвони «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)» анҷомёфта буда, ба талабот ва меъёрҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда,

муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

**Доктори илмҳои филология,**
**профессори кафедраи назария ва**
**таърихи адабиёти Донишкадаи**
**давлатии забонҳои Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Восиева Рухшона Қурбоновна**

**Нишонӣ: 734064,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиева 31/1. E-mail: v.rukhshona @ mail.ru Тел: +(992)23250 00**

**Имзои доктори илмҳои филология,**
**профессор Восиева Р.Қ. –ро тасдиқ**
**мекунам.**

**Сардори ШК:** **Наҷмуддинов Ш.М.**

10.07.2020